GREEN CLIMATE FUND

EQUIDEV
VALUE, INNOVATION, IMPACT

UNDP

»» ХАБАРНОМА ««

# МУТОБИҚШАВӢ БО ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ВА ҚУРБОНИЁНИ ОФАТҲОИ ТАБИӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Шумораи № 6** **Апрели 2025**


*Обхезӣ дар Уялӣ. Фото: Нозим Каландаров, Asia-Plus*

## ДАР ИН ШУМОРА:


»» ТАЪСИРИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ВА ОФАТҲОИ ТАБИӢ БА ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

»» АҲАМИЯТИ ТАҲИЯ ВА ТАТБИҚИ ЧОРАҲОИ МУТОБИҚШАВӢ

»» ҚУРБОНИЁНИ ОФАТҲОИ ТАБИИИ ТОҶИКИСТОН: МУШКИЛОТ ВА ХАТАРҲОИ ОЯНДА



*Фото:https://www.khf.tj/node/5789*

*Заминларзаи Рашт 13.06.2025*

*Дар даврони муосир масъалаҳои экологӣ ва ҳифзи табиат ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсат, иқтисодиёт, тафаккури ҷамъиятии мардум, саломатии аҳолӣ ва пешрафти давлату давлатдорӣ маҳсуб меёбанд.*

*Кишварҳои Осиёи Марказӣ бошанд, аз ҷумлаи кишварҳои осебпазир дар пешорӯйи тағйирёбии иқлим дар миқёси қитъаи Осиё мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби он ки 93 дарсади ҳудудашро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, яке аз кишварҳои осебпазир ба офатҳои табиӣ дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад.*

*Ҳамасола дар кишвар офатҳои табии зиёд ба мисли тарма, заминларза, сел ва ярч рух медиҳанд.*

*Зарфи 16 соли охир (2008-2024) дар Тоҷикистон 4232 ҳолати фавқулодаи табиӣ ба қайд гирифта шуд ва ҳаҷми зарари расида беш аз 500 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумори офатҳои табиӣ 2,3 баробар ва ҳаҷми зарари расида аз ин офот 1,2 баробар афзуд. Дар ин офот 411 нафар ҷони худро аз даст доданд.*

# ТАЪСИРИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ВА ОФАТҲОИ ТАБИӢ БА ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН




*манбаъ:https://www.khf.tj/*

Иқлими Тоҷикистон бо гуногунии топографӣ, иқлими континенталӣ ва калавишҳои гуногуни ҳароратӣ фарқ мекунад. Омори таърихӣ баландшавии устувори ҳарорат бо 2-4°С то соли 2030-ро пешгӯӣ мекунанд, ки ин баландшавӣ, мушкилот барои саломатии мардум, хоҷагии халқ ва захираҳои обро ба бор меёрад. Ҳарорати миёнаи солона байни 17°С дар ҷануб-ғарб то -7°С дар Помир ва дар ҳолатҳои экстремалӣ то -50°С дар Помири шарқӣ ва болои 40°С дар ноҳияҳои ҷанубӣ тағйир меёбад.

Интизор меравад, ки рӯзҳои гарми экстремалӣ дар Тоҷикистон зиёд шаванд, ки ба навбати худ ин метавонад таъсири манфӣ ба соҳаҳои кишоварзӣ ва обтаъминкунӣ расонад. Пешгӯиҳо нишон медиҳанд, ки ҳароратҳои максималии солона, ки пештар наздики 30°С (дар давраи 1986-2005)-ро ташкил медоданд, метавонанд то 35°С то соли 2090 дар ҳолати баланд шудани партовҳо (RCP8.5), рафта расанд.

Дар қисматҳои поёнии Тоҷикистон алалхусус дар ҷануб-ғарб, баландшавии ҳарорати ҳаво аз 40°С метавонад падидаи ҳарсола шавад.

Имконпазирии мавҷи гармо, ки дар ҳоли ҳозир наздики 3%-ро ташкил медиҳад, метавонад тото соли 2090 ба 7-23% расад.

Пешгӯии баландшавии ҳарорати ҳаво ба падидаҳои тағйрёбии экстремалии бодуҳаво ва ивазшави низоми боронгарӣ оварда мерасонад, ки хатари хушксолиро зиёд намуда, ба захираҳои обӣ ва хоҷагии қишлоқ таъсири манфӣ мерасонад. Дар ноҳияҳои кӯҳӣ ҳарорати ҳаво дар давоми даҳсола то 0,2°С-0,5°С баланд шуда, шароити иқлимиро иваз намудааст.

Теъдоди солонаи боронгариҳо аз 100мм дар Помири шарқӣ то бештар аз 2000мм дар ноҳияҳои ҷанубӣ фарқ мекунад, ва ҳам бо интизори бештар шудани боронгариҳо дар зимистон ва кам шудани он дар тобистон.

Ин масъала ба дастрасии об ва истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ таъсири манфӣ мерасонад.




*манбаъ:https://www.khf.tj/*






*манбаъ:https://www.khf.tj/*

Пешбиниҳо нишон медиҳанд, ки боронгариҳо метавонанд то 5-10% зиёд шаванд, лекин ин зиёдшавӣ ба таври асосӣ ба тақвияти падидаҳои экстремалии бодуҳавоӣ оварда мерасонад. Ҳамзамон, дар баъзе ноҳияҳо коҳиши теъдоди рӯзҳои боронгарӣ ба мушоҳида мерасад, ки метавонад таъсири манфӣ ба дастрасии об ва истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ алалхусус дар давраи тобистон дошта бошад.

Интизор меравад, ки дар соли 2050 ҳосилнокӣ ба шумули зироатҳо, мисли гандум, ҷав, офтобпараст, сабзавот ва меваҳо то 5-10% кам шавад, ки амнияти озуқавориро бо мушкил дучор мекунад.

Тоҷикистон дар умум аз падидаҳои боду ҳавои экстремалӣ мисли обхезӣ, ярч, хушксолӣ, ки зарарҳои иқтисодӣ оварда ба талафоти ҷонӣ сабабгор мешаванд, осебпазир аст. Мутобиқи нишондиҳандаи ҷаҳонии мутобиқшавӣ ND-GAIN, ки осебпазирии иқлимӣ ва омодагии кишварҳоро баҳогузорӣ мекунад, Тоҷикистон ҷойи 102-умро ишғол мекунад (2022).

Омилҳои асосии сатҳи баланди осебпазирӣ шомили маҳдудияти қобилияти мутобиқшавӣ ва қарор гирифтан дар маърази таҳдидҳои зиёди иқлимӣ, мисли иваз шудани низоми боронгарӣ ва ҳарорати экстремалӣ мебошад. Агарчӣ Тоҷикистон саҳми андак дар партовҳои гулхонаӣ дорад, стратегияҳои миллӣ ба баланд бардоштани устувории секторҳое мисли энергетика, захираҳои об, нақлиёт, кишоварзӣ, саноат( ба шумули сохтмон), хоҷагии ҷангал ва гуногунии биологӣ равона шудаанд. Дар ҳамин ҳол таваҷҷӯҳи махсус ба тандурустӣ, маориф ва масъалаҳои гендерӣ барои мутобиқшавии маҷмуӣ ба тағйирёбии иқлим, дода мешавад.

# АҲАМИЯТИ ТАҲИЯ ВА ТАТБИҚИ ЧОРАҲОИ МУТОБИҚШАВӢ

Тағйири иқлим чолишҳои ҷиддӣ барои рушди устувори Тоҷикистонро ба вуҷуд меёрад. Зарурияти мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим эҳтиёҷ ба тақвияти назаррас ва сарчашмаҳо дорад.

Тақвияти омодагӣ яке аз шартҳои ҳатмӣ барои коҳиши рискҳои оянда иқлимӣ мебошад. Омори таърихӣ ва ояндаи иқлимӣ нақши ҳалкунанда дар баҳогузории вобастагӣ ва банақшагирии мутобиқшавӣ дар тасмимгирии асоснок барои ҳимояи ҷомеаҳо ва системаи экологӣ аз оқибатҳои тағйирёбии иқлим, доранд.

Нақшаи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлимро секторҳои бештар ҳассос: энергетика, захираҳои об, ҳоҷагии қишлоқ, нақлиёт, саноат ва сохтмон ва инчунин хоҷагии ҷангал ва гуногунии биологӣ муайян мекунанд.

Ҳар соҳа проблемаҳои хосси худ мисли коҳиши маҳсулнокӣ, дастрасии об, осебпазирии зерсохторӣ ва таъсирҳои манфӣ ба саломатиро дорад. Хулоса, барои бартараф намудани ин осебпазириҳо банақшагирии комплексӣ, рушди системаи огоҳидиии барвақтӣ ва қабул кардани тадбирҳои мутобиқшавӣ мувофиқ бо талаботи сектори мушаххас зарур мебошад.

# ҚУРБОНИЁНИ ОФАТҲОИ ТАБИӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: МУШКИЛОТ ВА ХАТАРҲОИ ОЯНДА

**Шумораи ҳалокшудагон дар натиҷаи офатҳои дорои хусусияти гуногун дар солҳои 2022–2023**




*манбаъ:https://www.khf.tj/*

Тоҷикистон, ки аксари қаламравашро кӯҳҳо ташкил мекунанд, аз тағйирёбии иқлим ва офатҳои табиӣ осебпазир аст. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки иқлими Замин дар натиҷаи гармшавӣ бо сабабҳои табиии фаъолияти инсон тағйир меёбад.

Аз миёнаҳои асри гузашта то имрӯз омили инсонӣ боиси партофтани миқдори зиёди газҳои гулхонаӣ ба атмосфера шудааст. Истифодаи ғайрисамараноки захираҳои табиӣ аз ҷониби одамон, аз қабили партовҳои мошинҳо ва саноат ва буридани ҷангалҳо боиси афзоиши консентратсияи газҳои гулхонаӣ шуданд, ки аз меъёрҳои табиӣ зиёданд ва таъсири гармхонаи табииро афзоиш медиҳанд.

**Вазъи ҳолатҳои фавқулода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** дар солҳои охир.

Тағйирёбии иқлим боиси зуд об шудани пиряххо, кам шудани ҳаҷми оби дарёҳо гардида, ба соҳаҳои асосии хоҷагии халқ, ба монанди энергетика, кишоварзӣ ва саноат таъсири манфӣ мерасонанд. То имрӯз аз 13 000 пирях дар Тоҷикистон беш аз ҳазораш комилан об шудааст. Ва ин дар ҳолест, ки 60 дарсади манобеъи оби Осиёи Марказӣ аз пиряххои Тоҷикистон сарчашма мегиранд. Аз ин рӯ, идомаи эҳтимолии раванди зуд обшавии пиряххо дар оянда метавонад ба ҳаҷми захираҳои оби минтақа таъсири ҷиддии манфӣ расонад.

**Шумораи офатҳои табиӣ ва ҳалокшудагон дар натиҷаи онҳо дар солҳои 2016–2023**




*манбаъ:https://www.khf.tj/*

Таҳлили солҳои охир нишон медиҳад, ки фавти одамон дар натиҷаи офатҳои табиӣ тамоюли болоравӣ дорад. Дар байни ҳодисаҳои хавфнок ва фавқулода дар давраи таҳлилшуда мисли солҳои пеш офатҳои табиии хусусияти обӣ − боронҳои сахт ва сел бартарӣ доранд.

Шумораи ҳалокшудагон дар натиҷаи офатҳои дорои хусусияти гуногун дар солҳои 2022–2023 Тоҷикистон, ки 93 дарсади қаламраваш аз кӯҳҳо иборат аст, ба тағйирёбии иқлим низ осебпазир боқӣ мемонад. Тадқиқотҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки иқлими Замин дар натиҷаи гармшавӣ бо сабабҳои табиии фаъолияти инсон тағйир меёбад.




*манбаъ:https://www.khf.tj/*

Гармии ғайримуқаррарӣ дар солҳои охир дар тамоми гӯшаҳои сайёра мушоҳида мешавад, ки Тоҷикистон низ истисно нест.

Дар моҳи июли соли 2023 баландтарин ҳарорати миёнаи сатҳи Замин аз оғози мушоҳидаҳо (1979) +17,18 °C сабт шудааст. Соли 2023 гармтарин сол дар таърих буд. Баландшавии ҳарорати ҳавои атмосфера дар соли 2023 ба идомаи обшавии шадиди пиряххо таъсир расонида, боиси баланд шудани сатҳи об дар дарёҳо ва кӯлҳои пиряхӣ гардид. Дар натиҷа дар давраи таҳлилшуда шумораи тармаҳои барфӣ, фаромадани сел, ярч, сангрезӣ ва боронҳои шадиди дарозмуддат зиёд гардид.

Дар соли 2023 аз офатҳои табиии ба қайд гирифташуда шумораи бештарро тармаҳои барфӣ − 60,14%, сел − 14,18%, заминларза − 8,44%, резиши сангҳо − 4,67%, ярч − 3,95%, баланд шудани сатҳи об − 3,05%, борони шадид мебошанд − 2,15 фоиз, шамоли сахт − 1,8 фоиз, сармои сахт − 1,08 фоиз, раъду барқ − 0,54 фоизро ташкил доданд

Соли 2023 − 51 нафар бар асари офатҳои табиӣ, 24 нафар бар асари тарма, 24 нафар дар натиҷаи сел, 2 нафар бар асари бар асари барф, 1 нафар бар асари ярч, 1 нафар ба ҳалокат расида, фавти одамон назар ба соли гузашта 6,37 маротиба зиёд шуд. Дар давраи ҳисоботӣ шумораи бештари фавтҳо дар моҳҳои феврал ва августи соли 2023 ба қайд гирифта шудааст. Дар Тоҷикистон ҳангоми ҳаводиси табиӣ теъдоди бештари қурбониёни сел ва фаромадани тарма ба қайд гирифта мешавад.

***Хулоса:*** Тадқиқот нишон медиҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мушкилот ва хатарҳои марбут ба офатҳои табиӣ ва тағйирёбии иқлим мувоҷеҳ аст. Обшавии пиряххо ба сабаби газҳои гулхонаӣ ва манбаъҳои оби минтақа осеб мерасонад. Таҳлили солҳои охир нишон медиҳанд, афзоиши ҳалокшудагон ва қурбониёни офатҳои табиӣ ба сабаби тармафаромӣ, сел ва заминларзаҳо тамоюли зиёдшвӣ доранд. Тавре ки маълумот нишон медиҳад, дар соли 2023, 51 нафар бар асари офатҳои табиӣ ва 24 нафар дар натиҷаи тарма, 24 нафар дар натиҷаи сел ва дигар сабабҳо фавтидаанд, ки ин ба таъсири манфии тағйирёбии иқлим ва дигар омили инсонӣ вобаста аст.

***Пайнавишт:*** Тағйирёбии иқлим таъсири назаррас ба муҳити зист, иқтисод ва ҷомеа дорад, ки ба ҳодисаҳои вобаста ба боду ҳаво, зарарҳои иқтисодӣ ва нобаробариҳои иҷтимоӣ оварда мерасонад. Тадбирҳои мутобиқшавӣ барои ҳимояи ҳаёт ва рӯзгор, беҳтар намудани тобоварӣ ва бартараф намудани таҳдидҳо ба қишрҳои осебпазири ҷомеа аҳамияти калон доранд.

Нақшаи миллии мутобиқшавӣ (НММ) як чорчӯбаи муҳим барои арзёбии осебпазирӣ, муайян намудани ҳадафҳои равшан ва возеҳ, таҳия ва татбиқи стратегияҳо ва мониторинги равандҳоро пешниҳод менамояд.
Бо ҷалби ҷонибҳои манфиатдор ва афзалиятбандии секторҳои таъсирпазир, НММ дар таъмини самаранокӣ ва фарогирии тадбирҳо кӯмак мерасонад, ки дар ниҳоят барои нигоҳ доштани сарчашмаҳо ва таъмини оянадаи устувор дар шароити тағйирёбии иқлим саҳм мегузорад.

Бо дарназардошти масъалаҳои болозикр, фаолиятҳои гуногун ҷиҳати кӯмак ба раванди тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ, аз тарафи зерлоиҳаи “Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон” (БСООТИ)-и лоиҳаи “Мусоидат ба раванди банақшагирии самараноки мутобиқшавӣ (НММ) барои Тоҷикистон”-и Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ), ки аз ҷониби Фонди Иқлими Сабз (ФИС) маблағгузорӣ мешавад, дар ҳамкорӣ бо Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияҳои гуногун амалӣ мегарданд. Дар чорчуби лоиҳаи мазкур, бо баъзе иштирокдорони семинарҳо оид ба табдирҳои муваффақи онҳо дар раванди мутобиқшавӣ бо тағйирёбии иқлим мусоҳиба анҷом дода шуд, ки ду намунаи он тақдим мегарданд:

---------------------------------

***БРСММ ташкилоти пешбари Созмони Милали Муттаҳид мебошад, ки барои хотима додан ба камбизоатӣ, нобаробарӣ ва тағйирёбии иқлим талош мекунад. Бо шабакаи васеи коршиносон ва шарикони рушд, мо дар 170 кишвари ҷаҳон фаъолият мекунем, то ки ба кишварҳо дар таҳияи қарорҳои ҳамгирошуда ва пойдор ба нафъи башарияту сайёра кӯмак расонем.***

***Барои маълумоти бештар моро дар сомонаи undp.org ё @UNDP пайгирӣ кунед.***